# ҚАРОРИ
# МУШОВАРАИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «30» майи с.2019 №1-28 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи Низомномаи
истироҳатгоҳи тобистонаи наздимактабӣ

Ҷаласаи мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомномаи истироҳатгоҳи тобистонаи наздимактабиро баррасӣ намуда, қарор мекунад:

1. Низомномаи истироҳатгоҳи тобистонаи наздимактабӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Ба сардори раёсати таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ (Қ. Муҳиддинзода) ва директори Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ» (У. Сафарзода) супорида шавад, ки низомномаи мазкурро дастраси Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Суғду Хатлон, раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ намоянд.
3. Сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, сардорони раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Суғду Хатлон, сардорони раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вазифадор карда шаванд, ки фаъолияти истироҳатгоҳи наздимактабиро дар асоси низомномаи мазкур ба роҳ монанд.
4. Назорати иҷрои қарори мушовараи мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илм Л. Назирӣ гузошта шавад.

Асос: Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.10.2018, №19/1 «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли 2018».

Раиси мушовара,
вазир Нуриддин Саид

Нусха дуруст аст

Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «30» майи соли 2019, №1-28 тасдиқ шудааст.

**Низомномаи**
**истироҳатгоҳи тобистонаи наздимактабӣ**

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Низомномаи истироҳатгоҳи тобистонаи наздимактабӣ (минбаъд-Низомнома) дар асоси қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.10.2018, №19/1 «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли 2018» таҳия гардида, тартиб ва ташкили истироҳати тобистонаи кӯдакону наврасонро ба танзим медарорад. Истироҳатгоҳи тобистонаи наздимактабӣ (минбаъд-Истироҳатгоҳ) фаъолияти худро тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили истироҳати тобистонаи кӯдакону наврасон», фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур амалӣ менамояд.

## 2. МАҚСАД ВА ПРИНСИПҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ИСТИРОҲАТГОҲ

2. Мақсади истироҳатгоҳ - таъмини истироҳати комил ва солимгардонии кӯдакон, дар онҳо инкишоф додани нерӯи эҷодии шахсӣ, ҳифз ва таҳкими саломатии онҳо мебошад.

3. Принсипҳои асосии фаъолияти истироҳатгоҳ:

бехатарии ҳаёт ва солимгардонии кӯдакон, ҳифзи ҳуқуқ ва шахсияти онҳо;

-ташкили шаклҳои гуногуни маҳфилҳо аз тарафи худи гурӯҳҳо барои рушди имконияти худмуайянкунӣ, худфаъолиятӣ ва худинкишофдиҳии шахсият;

-афзалияти манфиатҳои инфиродӣ, озодӣ дар интихоби фаъолият, коллектив, омӯзгор чун шарти зарурии инкишофи мустақили эҷодӣ ва худамалкунии кӯдак;

-хусусияти башардӯстонаи муносибатҳо ва барномаҳои солимгардонию таълимӣ;

-яккасардорӣ дар ҳамоҳангӣ ва худидоракунии хонандагону омӯзгорон.

## 2. ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА ҚАБУЛИ КӮДАКОН БА ИСТИРОҲАТГОҲ

4. Истироҳатгоҳ дар таътили тобистона аз тарафи мақомотҳои маориф, фарҳанг, тандурустӣ, кумитаи ҷавонон, варзиш, иттифоқҳои касаба тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии

ва қитъаҳои парвариши ниҳолу сабзавот, ҷамъоварии ҳосил ё тайёркунии хӯроки чорво, ободонӣ, кабудизоркунии ҳудуди истироҳатгоҳ, шаҳр, деҳот ҷамъоварии гиёҳҳои шифобахш, харгӯшпарварӣ, паррандапарварӣ, муҳофизати мавзеъҳои табиӣ ва таърихию фарҳангии кишвар сурат мегирад.

15. Барои истироҳати комили кӯдакон, тарбия кардани онҳо дар рӯҳияи меҳру муҳаббат ба табиат, таҳкими саломатӣ ва обутоби ҷисмонӣ дар истироҳатгоҳ аз шароити табиӣ ва иқлими ноҳия ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Саёҳат дар қаламрави кишвар ба ҷойҳои таърихӣ, осорхонаҳо, корхонаҳои саноатию кишоварзӣ ва ғайра ташкил карда мешавад.

16. Дар фаъолияти истироҳатгоҳ ба тарбияи ҷисмонӣ аҳамияти муҳим дода мешавад. Бо ин мақсад варзиши пагоҳирӯзӣ, машғулият оид ба омодагии варзишӣ дар гурӯҳҳо гузаронида мешавад. Бахшҳо (сексияҳо), дастаҳо аз рӯи намудҳои гуногуни варзиш ташкил карда шуда, омӯзиши шиноварӣ, мусобиқаҳои оммавии варзишӣ барои ҷоиза ва сайёҳатҳо гузаронида мешавад.

17. Барои ташкили кори тарбиявӣ дар истироҳатгоҳ иттифоқҳои касабаи корхонаҳо, кумитаи варзиш, Шӯрои ихтиёрии варзишии иттифоқҳои касаба, муассисаҳои таълимӣ ва таҳсилоти иловагӣ ба истироҳатгоҳҳо барои истифодаи муваққатӣ лавозимоти зарурӣ, варзишӣ, майдончаҳои варзишӣ ва атрибутҳои лозимиро таъмин менамоянд. Мувофиқи тартиби муқарраршуда кор бо кӯдакон дар варзишгоҳҳо, стансия, нерӯгоҳҳои обӣ, ҳавзҳо ва дигар иншооти варзишӣ рӯзона амалӣ карда мешавад.

18. Дар накшаи дастаи истироҳатгоҳ чорабиниҳои ҳавасмандгардонӣ пешбинӣ карда шудааст: расмгирӣ дар назди парчам, номнависӣ ба китоби ифтихории истироҳатгоҳ, ҳуқуқи иҷозат ба посбони фахрӣ истодан дар назди ҳайкал, лавҳаи меъморӣ, ҳуқуқи бардоштани парчам, эълон намудани раҳматнома.

19. Дар охири ҳар як баст намоишгоҳи эҷодиёти кӯдакон ташкил карда мешавад.

## 5. ҲИФЗИ ҲАЁТ ВА САЛОМАТИИ КӮДАКОН

20. Дар истироҳатгоҳ таъмини пурраи бехатарии ҳаёт ва саломатии кӯдакон фароҳам оварда мешавад.

21. Риояи интизоми кӯдакон ва кормандони тарбиякунанда, иҷрои реҷаи рӯз, қоидаи тартиботи дохилӣ, нақшаи корӣ аз тарафи ҳамаи кормандони истироҳатгоҳ ҳатмӣ мебошад.

22. Талабот оид ба ҳудуд, ҳолати физикии бино, таҷҳизот, тартиби қабули бино тариқи қоидаҳои санитарӣ-эпидемиологӣ, ки аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, сурат мегирад.

Табиб ва ҳамшираи шафқат азназаргузаронии мунтазами тиббӣ, назорати тиббӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва обутоби кӯдакон ва ҳамаи намудҳои

Тоҷикистон ташкил карда мешавад.

5. Истироҳатгоҳ дар заминаи муассисаҳои таълимӣ новобаста аз шакли таълимӣ, марказҳои таҳсилоти иловагӣ, иншооти варзишӣ, мақомоти фарҳанг, тандурустӣ бо ташкил намудани хӯроки гарм таъсис дода мешавад.

6. Истироҳатгоҳ дар ҳолати ба талаботи санитарию гигиенӣ ва шароити фароҳам ҷавобгӯ будан, пас аз қабули комиссияи шаҳрӣ (ноҳиявӣ) ба фаъолият шурӯъ менамояд.

7. Истироҳатгоҳ дар давраи таътили тобистона фаъолияти худро оғоз намуда, аз 1 то 4 давр иборат мебошад. Ҳар як даври он 12 рӯз буда, аз соати 8.00 оғоз гардида, соати 16.00 ба итмом мерасад. Дар истироҳатгоҳ хонандагони синфҳои 1-9-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҷалб карда мешаванд. Ба истироҳатгоҳ хонандагони як ё якчанд муассисаи таҳсилоти умумӣ ҷалб карда мешаванд.

8. Ба истироҳатгоҳ хонандагон дар асоси пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зерин қабул карда мешаванд:

- аризаи падару модар ва ё шахсони онҳоро ивазкунанда;
- маълумотномаи тиббӣ;
- маълумотнома аз ҷойи истиқомат;

## 4. МАЗМУНИ КОР

9. Истироҳатгоҳ дар асоси нақша фаъолият мекунад, ки онро коллективи омӯзгории истироҳатгоҳ омода намуда, дар мувофиқа бо Шӯрои даста тасдиқ менамояд.

10. Сармураббии гурӯҳ, омӯзгор, мураббиён, омӯзгор оид ба тарбияи ҷисмонӣ нақшаи кории худро доранд.

11. Дар истироҳатгоҳ даста мувофиқи синну сол ва шавқу завқи кӯдакон бо назардошти талаботи меъёрҳои санитарӣ-гигиенӣ ва риояи техникаи бехатарӣ ташкил карда мешаванд. Дастаи истироҳатгоҳ парчам дорад, ки дар вазъияти тантанавӣ супорида мешавад.

12. Кори дастаро Шӯрои даста дар ҳайати 5-10 нафар ташкил менамояд. Шӯрои даста дар ҷамъомади даста бо овоздиҳии кушод интихоб карда мешавад. Дастаи истироҳатгоҳ аз гурӯҳҳо иборат буда, ҳар як гурӯҳ 35-40 хонандаро муттаҳид менамояд. Гурӯҳҳо бо назардошти синну сол ва манфиатҳои кӯдакон таъсис дода мешаванд. Кори гурӯҳро Шӯро ташкил медиҳад, ки ба теъдоди 3-5 нафар дар ҷамъомади гурӯҳ бо овоздиҳии кушод интихоб карда мешавад. Ба Шӯрои гурӯҳ сарвари Созмони хонандагон низ дохил мешавад. Гурӯҳ парчам, шайпур ва нағора дорад.

13. Кори даста дар асоси ташаббус ва худфаъолиятии кӯдакон ба роҳ монда шуда, ба сайқал додани маҳорату малакаи ташкилотчигӣ, ҷалб намудан ба машғулиятҳо, бахшҳо (сексияҳо) аз рӯи истеъдод ва хоҳиш мусоидат менамояд.

14. Дар истироҳатгоҳ ташкили кор оид ба фаро гирифтани хонандагон ба меҳнати муфиди ҷамъиятиву истеҳсолӣ, худхизматрасонӣ, ҷалб намудани кӯдакон ба кори устохонаҳои муассисавӣ, сехҳои таълимӣ

кори тарбияи ҷисмонию солимгардониро гузаронида, чорабиниҳои зарурии эпидемиологӣ ва санитарӣ-гигиениро дар байни кӯдакон ташкил намуда, сифати хӯрокро назорат мекунанд.

23. Сармураббӣ ва мураббиён метавонанд аз маҳалли истироҳатгоҳ бо кӯдакон танҳо бо иҷозати хаттии сардори истироҳатгоҳ берун бароянд. Шиновarии кӯдакон дар ҷои иҷозатдодашуда бо гурӯҳҳои на бештар аз 10 нафар дар ҳузури мутахассис оид ба шиноварӣ, мураббиёни гурӯҳҳо, кормандони тиб иҷозат дода мешавад.

24. Дар ҳудуди истироҳатгоҳ истиқомат намудани шахсони бегона манъ аст.

25. Дар истироҳатгоҳ воситаҳои зарурии наҷотдиҳӣ бояд дар ҳолати пурра омода бошанд, ҳудуди бино бо камераҳои назоратӣ таъмин шуда, дар соҳилҳои обанборҳо навбатдории кормандони истироҳатгоҳ ташкил карда мешавад.

26. Ҳангоми саёҳат обанбор ва ҳавзҳо аз тарафи роҳбари гурӯҳ мавриди санҷиш қарор дода шуда, дар сурати риоя намудани қоидаҳои муқарраршуда, оббозии кӯдакон иҷозат дода мешавад.

27. Сайри кӯдакон бо қаиқҳо танҳо таҳти роҳбарии мутахассис ба роҳ монда мешавад.

28. Дар мавриди интиқоли кӯдакон бо нақлиёти автомобилӣ ва дигар воситаҳои нақлиёт ба ҳолати техникӣ ва тахассуси ронандагон аҳамияти махсус дода мешавад. Интиқоли кӯдакон дар нақлиёти боркаш манъ аст.

29. Ҳамаи биноҳо бо воситаҳои зидди сӯхтор таъмин карда мешаванд.

30. Дар истироҳатгоҳ нақшаи кӯчонидани (эвакуатсия) кӯдакон дар мавриди сӯхтор ва офатҳои табиӣ тартиб дода мешавад. Гулхан афрӯхтан тавассути воситаҳои зудалангагиранда манъ аст. Дохил шудани кӯдакон ба истироҳатгоҳ пас аз санҷиши истироҳатгоҳ аз тарафи комиссияи махсус дар ҳайати ташкилотҳои иттифоқи касаба ва идораҳои дахлдор, ки истироҳатгоҳ дар тобеи онҳо мебошад, иҷозат дода мешавад. Комиссия истироҳатгоҳро бо санади дахлдор қабул менамояд. Пас аз қабул шудани санади дахлдор, санҷиши истироҳатгоҳ аз тарафи намояндагони дигар ташкилоту идораҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад.

## 6.ТАЪМИНОТИ КАДРӢ

31. Дар истироҳатгоҳи солимгардонӣ тибқи воҳидҳои корӣ кормандон дар доираи қонунгузории муқарраршуда ба вазифа қабул ва озод карда мешаванд.

32. Муносибати кормандони истироҳатгоҳи наздимактабӣ дар асоси шартномаи меҳнатӣ ва қарордод сурат гирифта, бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат танзим мегардад. Давомнокии рӯзи корӣ барои кормандони истироҳатгоҳи наздимактабӣ дар шартномаи меҳнатӣ, қарордод мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

33. Дар мавриди ба кор қабул намудани кормандони истироҳатгоҳи

солимгардонии наздимактабӣ хулосаи тиббӣ, маълумотнома дар бораи имкони кор дар муассисаи солимгардонии наздимактабӣ, ҳуҷҷат дар бораи таҳсилот ва шаҳодатнома (Сертификат) дар бораи хатм намудани курсҳо, семинарҳо, ки аз рӯи вазифаашон мехоҳанд ишғол намоянд, пешниҳод карда мешавад.

34. Интихоби сардор, сармураббӣ, мураббиён, омӯзгор, роҳбари Созмони хонандагон, омӯзгор оид ба тарбияи ҷисмонӣ аз тарафи директори муассисаи таълимӣ ва муассиси истироҳатгоҳи солимгардонии наздимактабӣ сурат мегирад.

35. Сардор, сармураббӣ, роҳбари Созмони хонандагони муассисаи таълимӣ, кормандони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, фарҳангӣ-равшаннамоӣ интихоб карда мешаванд.

36. Сардори истироҳатгоҳ дар интихоби кадрҳо иштирок намуда, барои ташкили кори тарбиявӣ бо кӯдакон, ташкили хӯрок, фаъолияти хоҷагидории истироҳатгоҳ масъулият дорад.

37. Дар истироҳатгоҳе, ки шумораи хонандагон на кам аз 80 нафар ҳастанд, вазифаи сардори истироҳатгоҳ ба дӯши сармураббӣ ё яке аз мураббиёни истироҳатгоҳ гузошта мешавад.

38. Сармураббии истироҳатгоҳ кори гурӯҳҳоро оид ба тарбияи меҳнатӣ, ҷисмонӣ ва ахлоқӣ ташкил намуда, ба фаъолияти мураббиён ва омӯзгорон, роҳбари Созмони хонандагон роҳбарӣ мекунад.

39. Омӯзгорон, роҳбари Созмони хонандагон, мураббиён, омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ аз ҷумлаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, омӯзгорон, кормандони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва фарҳангӣ-равшаннамоӣ, ки қобилияти роҳбарӣ кардан дар маҳфилҳои эҷодиёти кӯдакон, бахшҳои (сексияҳои) варзишӣ, клубҳо шавқу ҳавас доранд, интихоб карда мешаванд. Онҳо кори тарбиявиро ба роҳ монда, меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ва истироҳати фаъоли хонандагонро ташкил менамоянд.

40. Кормандони истироҳатгоҳ танҳо пас аз гузаштани семинари махсус, оид ба ҳифзи меҳнат ва саломатии кӯдакон, техникаи бехатарӣ, коидаҳои назорати сӯхтор ва муоинаи тиббӣ, мувофиқи талаботи муқарраршуда ба фаъолият роҳ дода мешаванд.

41. Ба сифати роҳбарони маҳфил, ҳамоҳангсози ташкилотчиёни фарҳанг донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар асоси роҳхат равона карда мешаванд, ки омодагии дахлдор доранд.

42. Барои роҳбарии кори истироҳатгоҳ Шӯрои омӯзгорӣ таъсис дода мешавад, ки ба ҳайати он сардор, мураббиён, роҳбари Созмони хонандагон ва омӯзгор оид ба тарбияи ҷисмонӣ дохил мешаванд. Шӯрои омӯзгории истироҳатгоҳ дар ҷаласаҳои худ масъалаҳои асосии нигоҳдорӣ ва ташкили кори истироҳатгоҳро баррасӣ намуда, ҳисоботи ҳайати педагогиро мавриди муҳокима қарор медиҳад.

43. Шуъбаи ноҳиявии (шаҳрии) тандурустӣ барои хизматрасонии тиббӣ истироҳатгоҳро ба Маркази саломатии ноҳияи мазкур вобаста менамояд. Назорати санитариро стансияи санитарию эпидемиологии

ноҳиявӣ (шаҳрӣ) амалӣ менамояд.

44. Маркази саломатии шаҳриву ноҳиявӣ ба истироҳатгоҳи солимгардонӣ табиб (пизишк) ё ҳамшираи шафқатро вобаст менамояд.

45. Сардори истироҳатгоҳ ва корманди тиб барои ҳифзи ҳаёт ва саломатии кӯдакон мувazзаф мебошанд.

46. Сардори истироҳатгоҳ ва корманди тиб тартиби ташкили меҳнати фоиданоки ҷамъиятиро муайян намуда, кормандони истироҳатгоҳро бо қоидаҳои таъмини ҳифзи ҳаёт ва саломатии кӯдакон шинос менамояд.

## 7. ВОҲИДҲОИ КОРӢ, МАБЛАҒГУЗОРӢ, БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА ҲИСОБОТДИҲӢ

47. Воҳидҳои корӣ ва андозаи музди меҳнат аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо мувофиқи қонунгузории амалкунанда муайян карда мешавад. Ҳамзамон, андозаи музди меҳнати вазифавиро ба кормандон дар асоси меъёри воҳиди ҷадвали тарифӣ мувофиқи талаботи тарифиву ихтисосӣ ва бо назардошти тавсияи комиссияи аттестатсионӣ муқаррар менамояд. Намуд ва андозаи иловапулӣ, пардохт ва диғар намуди пардохтҳо, хусусияти ҳавасмандгардонӣ дар доираи маблағҳои мавҷудаи (фонди) воҳиди музди меҳнат муайян карда мешавад.

48. Маблағгузории истироҳатгоҳ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, суғуртаи иҷтимоӣ, сарпарастон ва дигар манбаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, сурат мегирад.

49. Тартиби муайян намудани миқдори маблағи падару модар барои истироҳати кӯдакону наврасон ва солимгардонии онҳо дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

50. Хӯроки кӯдакон дар ошхонаи муассисаи таълимӣ ё бо розигии мақомоти назорати санитарӣ дар асоси шартнома дар ошхонаи наздики корхонаи хӯроки умумӣ ташкил карда мешавад.

51. Роҳхати истироҳатгоҳҳои солимгардонии наздимактабӣ аз тарафи директори муассисаи таълимӣ ва муассиси истироҳатгоҳ дода мешавад. Як қисми арзиши роҳхатро дар ҳолати зарурӣ метавонанд аз тарафи падару модар ба хазинаи муассисаи таълимӣ ворид намоянд.

52. Истироҳатгоҳҳое, ки аз ҳисоби Фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Точикистон пардохт мешаванд, мувофиқи сметаи хароҷот бо нишондоди маблағи масрафгардида тартиб дода мешаванд.

53. Баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи истироҳатгоҳ бо давомоти рӯзона мувофиқи тартиби бо қонун муқарраршуда амалӣ мешавад.

54. Барои фаъолияти молиявии истироҳатгоҳ муассис масъулияти пурра дошта, барои нигоҳдории молу мулк, лавозимот, бехатарӣ аз сӯхтор ва ғайра директори истироҳатгоҳ ҷавобгар аст.

## 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

55. Низомномаи истироҳатгоҳи тобистонаи наздимактабӣ бо мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, дар сурати зарурат ба он тағйиру иловаҳо ворид карда мешавад.